# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ). Душанбе, 2024**

Таҳқиқоти мазкур як давраи муҳим - марҳилаҳои Шуравӣ ва пасошуравии рушди соҳаи энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дарбар мегирад, ки ин ду раванди таърихӣ фаҳмиши моро барои дарки ҷараёни таърихии ташаккул ва рушди соҳаи энергетика дар минтақа махсусан равшан мегардонад.

Таърихи тараққиёти саноати электроэнергетика яке аз равандҳои асосии пешрафти куллӣ ва навсозии ҳар минтақа мебошад. Диссертатсия, ки ба таърихи электроэнергетика дар ноҳияҳои Тоҷикистони ҷанубу шарқӣ дар давраи солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI бахшида шудааст, дар омӯзиши илми иқтисодию иҷтимоии тараққиёти минтақа саҳми арзанда дорад. Таҳқиқоти мазкур на танҳо дар заминаи илми таърих, балки дар партави чолишҳои муосир дар соҳаи амнияти энергетикӣ ва рушди устувор низ муҳим аст.

Муаллиф дар диссертатсия марҳалаҳои ташаккул ва рушди инфрасохтори баркро муфассал баррасӣ намуда, рӯйдодҳо ва тамоюлҳои асосиро, ки ба ташаккули системаи энергетикии минтақа таъсир расонидаанд, таҳлил кардааст. Ба таъсири электроэнергетика ба тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии ноҳияҳои Тоҷикистони ҷанубу шарқӣ, инчунин бо дигар соҳаҳои иқтисодиёт диққати махсус додааст.

Ҳамин тариқ, таҳлили ин диссертатсия ҳам аҳаммияти илмии таҳқиқоти гузаронидашуда ва ҳам аҳаммияти амалии онро барои тараққиёти минбаъдаи саноати энергетикаи Тоқикистони ҷанубу шарқӣ ба назар гирифтааст. Кор мувофиқи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот

сохторбандӣ шуда, аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва истинодҳо иборат мебошад. Ҳаҷми рисола 166 саҳифа, аз ҷумла 163 номгӯи адабиёти истифодашударо дар бар мегирад.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм**, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Диссертатсия дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» ба ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия** аз он иборат аст, ки то имрӯз таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон дар инкишофи илм таҳқиқоти мукаммали илмӣ иҷро нашудааст. Масъалаҳои электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон дар назди Ҳукумати Тоҷикистони шуравӣ ва ҳукумати Тоҷикистони соҳибистиқлолу якпорча мавқеи махсус доштанд. Сабаби асосии ин вазъ аз он иборат буд, ки ноҳияҳои ин минтақа ҳамчун мавзеи муҳофизатии наздисарҳадӣ бо Афғонистон ба ҳисоб мерафтанд. Аз ин рӯ, инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаҳои назди сарҳадӣ дар тахти назорати махсуси Ҳукумати кишвар қарор дошт.

Дар замони истиқлол бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурӣ Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси яке аз мақсадҳои стратегӣ муайян сохтани таъминсозии истиқлолияти энергетикии кишвар аҳамияти илмии мавзуи омӯхташавандаро дучанд намуда, мубрамии онро собит месозад.

Ҳамин тавр, омӯзиши таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон бе баҳс мавзуи мубрам мебошад ва он имконият медиҳад, ки тамоми сарчашмаву маводи илмӣ роҷеъ ба масъалаи мазкур дар доираи як диссертатсия ба риштаи таҳлили илмӣ кашида шаванд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ** омӯхтан ва воқеъбинона таҳлил кардани маводи амалӣ доир ба масъалаҳои таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон, муайян кардани дараҷаи таъсири он ба инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, фарҳангу ҳаёти маишии аҳолии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Ҷумҳурӣ Тоҷикистон мебошад.

**Асоси методологии таҳқиқи мазкурро** аз методҳои илмии таърихият, ҳувият, воқеияти илмӣ, таҳлили таърихӣ-муқоисавӣ васеъ истифода бурдааст. Дар баробари ин, асоси таҳқиқи мазкурро усули мушкилотӣ-хронологӣ ташкил медиҳад, ки барои муайян намудани таърихи электрикунонии ин минтақаи наздисарҳадӣ ва аҳаммияти он дар ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангию маишии аҳолии оварда шудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд,** аз он иборат аст, ки таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон омӯзиш, таҳлил ва ҷамбасткуниҳо таърихии рушди минбаъдаи соҳаи энергетик таҳқиқ гардидаанд. Дар диссертатсия назар ва андешаҳои муҳаққиқони мухталиф оид ба масъалаи мазкур ҷамъоварӣ ва таҳлил шудаанд. Нуктаҳои илмие, ки ба дифоъ пешниҳод гардидаанд, илман асоснок мебошанд.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар **муқаддима** мубрамӣ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ, методҳо ва маводи таҳқиқ, навоварии он, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, нукоти барои дифоъ пешниҳод шаванда, коркард ва татбиқи натоиҷи таҳқиқ ва сохтори кор баён шудааст. Тарҳи хронологии таҳқиқот, санҷиши натиҷаҳо ва сохтори диссертатсия муайян шудаанд.

Боби аввали диссертатсия **«Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон дар даврони шуравӣ»** ном дошта, аз чор зербоб иборат мебошад. Ин боби рисола ба таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон дар солҳои ҳокимияти Шуравӣ бахшида шудааст. Муаллиф захираҳои обиву энергетикии Тоҷикистон, раванди азхуд намудан ва истифода бурдани онҳоро дар шароити дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ муфассал таҳлил кардааст.

Зербоби якуми боби аввал **«Захираҳои обӣ-энергетикии Тоҷикистон»** ном дошта, дар ин зербоби диссертатия таърихи тараққиёти захираҳои энергетикӣ ва раванди электрикунонидани Тоҷикистон дар давраи дигаргунсозиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ таҳқиқ карда мешавад. Муаллиф марҳалаҳои асосии тараққиёти энергетикаи мамлакатро, ки аз барқарор шудани ҳокимияти Шуравӣ сар карда, то давраи пошхӯрии сохти он сар мешавад, таҳлил кардааст. Ба нақши сиёсати ҳукумат дар рушди энергетика, ташаккули инфрасохтор ва навовариҳои технологӣ, ки ба барқикунонии кишвар мусоидат кардааст, таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад.

Хулоса, ба халқи тоҷик захираҳои беназири сузишворӣ-энергетикӣ дода шудааст, ки омили асосии такондиҳандаи пешрафти иқтисодӣ, илм, фарҳанг буда, ҳукумати ҷумҳурӣ суръати азхудкунии захираҳои энергетикии ҷумҳуриро боз ҳам бештар вусъат дода истодааст.

Дар зербоби дувуми боби якум «**Таърихи азхуд кардани захираҳои энергетикӣ ва электрикунонии мамлакат дар давраи дигаргунсозиҳои сотсиалистӣ**» давраи муҳимми таърихи Тоҷикистон, ки бо раванди электрификатсия ва тараққиёти инфраструктураи энергетикӣ дар шароити дигаргунсозиҳои он замона алоқаманд аст, қайд карда мешавад.

Муаллиф давраҳои тараққиёти захираҳои энергетикиро, ки аз ташаккули аввалин пойгоҳҳои барқи обӣ сар карда, дар зери таъсири индустрикунонӣ васеъ шудани алоқаи таъминоти электрикӣ, ки яке аз

ҷиҳатҳои асосии дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ буд, муфассал таҳлил мекунад. Ба нақши сиёсати давлат дар соҳаи энергетика, қарорҳои стратегӣ ва афзалиятҳое, ки самти рушди соҳаро муайян кардаанд, таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

Инчунин оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии электриконидани аҳолии Тоҷикистон, таъсири он ба ҳаёт, тараққиёти саноат, хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт таҳлил карда мешаванд. Ба хусусиятҳои минтақаи маҳаллӣ, аз ҷумла ба шароити географиву иқлимӣ мувофиқ кунондани таҷриба ва технологияҳои Шуравӣ ҳам ҷихати муҳим мебошад.

Ин зербоби диссертатсия ба мо имкон медиҳад, ки аҳамият ва таъсири дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодиро ба ташаккули системаи муосири энергетикии кишварамон дарк намуда, инчунин тамоюл ва вазифаҳои асосиеро, ки дар назди масъулон дар ин соҳа истодаанд, муайян кунем.

Хулоса, дар солҳои 50 - 60 - уми асри гузашта ҳудуди ҷумҳурӣ, аз ҷумла ноҳияҳои ҷанубу шарқии он бо шабакаи зичи хатҳои баландшиддату пастшиддати барқ фаро гирифта шуд. Сохтмончиёни неругоҳҳои барқи обӣ таҷрибаи амалии самаранок ба даст даровarданд, ки тадриҷан ва бомаром дар дигар объектҳои сохтмонии барқии ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор гирифт, ки дар натиҷаи он комплекси сӯзишворӣ-энергетикӣ ташкил карда шуд. Комплекси сӯзишворӣ-энергетикӣ соҳаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва коммуналӣ-маишии ҷумҳуриро бо қувваи барқ, бӯғ ва гармӣ таъмин менамуд. Ин механизми душвори энергетикӣ то замони фурӯпошии ИҶШС ба низоми ягонаи комплекси сӯзишворӣ-энергетикии марказии кишвар дохил буд.

Зербоби дигар ин боб «**Аз таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу-шарқии Тоҷикистон**» ном дошта, оид ба раванди таърихи электриконидани ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф марҳалаҳои асосии рушди инфрасохтории барқро дар ин минтақа, аз кӯшишҳои аввалини азхудкунии захираҳои энергетикӣ сар карда, то вазъи

имрӯзаи саноат баррасӣ мекунад. Ба хусусиятҳо ва мушкилотҳои электрикунонидани ноҳияҳои кӯҳистонӣ ва сукунатгоҳҳои дурдаст диққати махсус дода мешавад. Оқибатҳои ичтимоию иқтисодии электрикунонидани сокинони ноҳия, вилоят, таъсири он ба дарачаи некӯаҳволӣ, тараққиёти саноат ва хочагии қишлоқ низ таҳлил карда мешаванд.

Зербоби чаҳоруми боби якуми диссертатсия «**Шаклу дарачаҳои тайёр кардани мутахассисони соҳаи –энергетика**» номгузорӣ карда шуда, масъалаҳои омодасозии мутахассисон дар соҳаи энергетика дар Точикистон баррасӣ мешавад. Муаллиф шаклҳои гуногуни таълим ва дарачаҳои омоданамудани мутахассисонро, ки донишгоҳҳои олӣ ва донишкадаҳо ва марказҳои махсуси таълимӣ омӯзонида мешуданд, таҳлил кардааст. Исботи ин гӯфтаҳо, он мебошад, «ки дар солҳои аввали 90-ум аз Точикистон бинобар сабаби шадидгардии вазъи сиёсӣ, беш аз 500 мутахассисони баландихтисоси комплекси сузишворӣ-энергетикӣ кишварро тарк карданд, ки раванди истеҳсолотро боз дошт» (с.71).

Ҳамин тавр, чӣ ба мисли солҳои бозсозии сотсиалистӣ ва чӣ ба мисли давраи соҳибихтиёрии давлатӣ дар чумҳурӣ шумораи зиёди мутахассисон энергетикон омода карда шуд, ки маҳз бо қувваи онҳо садҳо объектҳои хурду калони барқӣ ифтитоҳ карда шуда, рафти фаъолияташон таҳти назорат гирифта шуд. маҳз ҳамин мутахасисон роҳбаладони корҳои электрикунонии деҳотро дар чумҳурӣ, аз чумла минтақаҳои наздисарҳадии Чанубу шарқии Точикистонро ба ӯҳда доштанд. Дар ноҳияҳои Қумсангир, Панч, Фархор, Ҳамадонӣ деҳқонони одӣ пайваста интизорӣ мутахассисон энергетикон буда, нисбати онҳо суханони нек мегуфтанд.

Дар умум, муаллиф дар ин боби рисола чанбаҳои муҳимми сохтмони иншоотҳои энергетикӣ ва электрикунонидани Точикистонро, ки давраи баъди сохиби истиклолият ба даст оварданро дар бар мегирад, нишон додааст. Таҳлили дақиқи лоиҳаҳои асосии сохтмон имкон медиҳад, ки

ҳадафҳои стратегӣ ва афзалиятҳои рушди соҳаи энергетикаро дарк намуда, ҷанбаҳои молиявию технологии татбиқи онҳоро муайян намоем.

Омӯзиши истифодаи нерӯи барқ дар соҳаҳои гуногун, бахусус саноат ва кишоварзӣ аҳамияти ин манбаъро барои рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум таъкид мекунад.

Ҳамин тариқ, таҳлили ҷанбаҳои сиёсати энергетикии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлол барои ташаккули стратегияҳои ояндаи энергетика ва беҳбуди сифати зиндагии аҳолӣ, фаҳмиши арзишмандеро фароҳам меорад.

Боби дувуми диссертатсия «Сохтмони энергетикӣ ва электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон дар даврони истиқлол» унвон дошта, ин боби диссертатсия муаллиф марҳалаҳои тараққиёти саноати энергетикиро, ки аз барқарор гардидани ҳокимияти Шуравӣ шуруъ карда, то пошхӯрии онро дар бар мегирад, таҳлил кардааст. Ба нақши сиёсати давлатӣ, ташаккули инфраструктура ва навигариҳои технологӣ, ки ба раванди электрикунонидани мамлакат мусоидат карданд, диққати махсус дода мешавад.

Омӯхтани таърихи электриконидани ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон имкон дод, ки марҳалаҳои асосии тараққиёти инфраструктураи электриконии ин минтақа, инчунин хусусиятҳо ва проблемаҳои электриконидани ноҳияҳои кӯҳистонӣ ва минтақаҳои дурдаст муайян карда шаванд. Муаллиф инчунин оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии электриконидани сокинони ин манотиқро таҳлил намуда, таъсири онро ба дараҷаи зиндагонӣ, тараққиёти саноат ва хоҷагии кишлоқ қайд кардааст.

Муаллиф шаклҳои гуногуни таълим ва дараҷаҳои тарбияро таҳлил намуда, хусусиятҳои мазмуни барномаҳои таълим ва усулҳои таълимро муайян кардааст.

Дар зербоби якуми боби дувуми рисола «**Сохтмони объектҳои энергетикӣ ва электрикунонии мамлакат дар давраи истиқлолият**» дар ин

бахши рисола раванди бунёди иншооти энергетикӣ ва электриконии Тоҷикистон дар давраи баъди соҳибистиқлолии кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф лоиҳаҳои асосии сохтмонро, ки бо ҷорӣ намудани иқтидорҳои нави энергетикӣ ва навсозии инфраструктураи мавҷуда вобастаанд, таҳлил менамояд. Ба ҳадафҳои стратегӣ ва афзалиятҳои рушди соҳаи энергетика, инчунин ҷанбаҳои молиявию технологии татбиқи лоиҳаҳои мазкур таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Тағйирот дар сохтор ва тақсимоти ҷуғрофии иншооти энергетикӣ дар шароити даврони истиқлолияти Тоҷикистон низ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Аз лиҳози таърихӣ, давраи истиқлолият барои Тоҷикистон хеле кӯтоҳ аст, аммо аз ҷиҳати миқёси корҳои амалие, ки дар кишвар дар роҳи истиқлолият анҷом дода шудааст, баҳо надорад ва дар ин ҷо дар тараққиёти энергетикабеш аз пеш натиҷаҳои шоёни таҳсин дида мешавад, ки татбиқ намудани комёбиҳои он дар хоҷагии халқи кишвар самаранок мебошад.

Дар зербоби дувуми боби дувуми рисола «**Истифодабарии қувваи барқ дар саноати мамлакат ва хоҷагии қишлоқ, аз ҷумла дар ноҳияҳои ҷанубу-шарқӣ**» Дар ин бахш муаллиф нақши нерӯи баркро дар соҳаҳои гуногуни саноат ва кишоварзӣ таҳлил намуда, таъсири онро ба равандҳои истеҳсолӣ, самаранокии захираҳо ва рақобатпазирии маҳсулот арзёбӣ мекунад. Ба хусусиятхои электриконидани дехот, таъсири кувваи электр ба тараккиёти хочагии кишлок ва дарачаи зиндагонии сокинони дехот диккати махсус дода мешавад.

Ҳамин тавр, тадбирҳои саривақтии барномавии Ҳукумати кишвар, таҷрибаи кори пайвастаи ҳамаи ташкилотҳои марбут ба соҳаи энергетика ба афзудани ҳаҷм ва иқтидори энергетикии он мусоидат намуданд. Истеҳсоли нерӯи барқдар кишвар аз 15 миллиард кВт/соати соли 1994 дар соли 2021 ба 21 миллиард кВт/соат расид. Дар кишвар норасоии қувваи

барқ рафъ гардида, истифодаи он дар ҳамаи равандҳои меҳнат, аз ҷумла дар хоҷагии қишлоқбештар гардид.

Дар зербоби савуми боби дувуми рисола **"Истифодабарии қувваи барқ дар корхонаҳои маданӣ, маиши, системаи маорифи ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон»** Дар ин бахш истифодаи кувваи электр дар муассисаҳои маданӣ-равшаннамой, ҳаёти маишӣ ва системаи маорифи ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон таҳлил карда мешавад. Муаллиф таъсири қувваи электрро ба тараққиёти муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ таҳқиқ намуда, ба роли он дар муҳайё намудани шароити мусоиди меҳнату маишати аҳолии вилоят баҳо додааст. Ба технологияи инноватсионии истифодаи нерӯи барқ дар ин минтақаҳо, таъсири онҳо ба сифати хизматрасонӣ ва сатҳи таълим, инчунин оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии ҷорӣ намудани барқ дар муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ диққати махсус дода мешавад.

Хулоса, аз таҳлили боби мазкур муайян мегардад, ки симои иқтисодиву фарҳангии кишвар, аз ҷумла ноҳияҳои ҷанубу шарқии он, ба зудӣ дигаргун шуда истодааст, зеро дар замони муосир таваҷҷуҳи ҳукумат ва халқ ба тараққиёти иқтисодиёт ва маданияти кишвари худ нигаронида шудаанд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ тавассути сиёсати воқеии самарабахши Давлати «зиндагӣ ва меҳнат» ба нафъи халқи худ симои мадании кишвар ба куллӣ тағйир ёфт.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 4 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талабот.** Сохтор ва мундариҷаи диссертатсияи унвонҷӯ Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич

ба талабот ва меъёрҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад.

Албатта, ба мисли дигар корҳои илмӣ диссертатсияи Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич низ аз камбудию норасоиҳои ҷузъӣ холӣ нест. Аз ҷумла:

1. Дар рисола ба муқоисаи рушди соҳаи энергетикӣ дар минтақаҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва ё бо дигар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ кам таваҷҷӯҳ дода шудааст. Чунин таҳлили муқоисавӣ метавонад барои муайян кардани хусусиятҳои беназир ва умумии рушди соҳаи энергетика, инчунин дарк намудани таъсири омилҳои гуногун ба ин раванд.
2. Дар баъзе ҷойҳо хулосаҳои муаллиф ба таври кофӣ асоснок нашудаанд ва ё то дараҷае умумӣ ба назар мерасанд. Масалан, хулосаҳо дар бораи таъсири тағйироти сиёсӣ ба рушди соҳаи энергетика асосноккунии равшантарро бо мисолҳо ва маълумоти мушаххас талаб мекунанд. Хулосаҳои муфассалтар барои беҳтар фаҳмидани сабабҳо ва оқибатҳои равандҳои баррасишуда кӯмак мекунанд.
3. Рисола ҷанбаҳои таърихии рушди саноати баркро хуб ошкор кардааст, аммо тафсилоти мушкилоти муосир, ки ин соҳа дар ҳоли ҳозир рӯбарӯ аст, камтар баррасӣ мешавад. Аз ҷумла таҳлили мушкилоти ҷорӣ ва дурнамои рушди саноати электроэнергетика дар шароити тағйироти ҷаҳонӣ метавонад таҳқиқотро барои таҷрибаомӯзон бештар мубрам ва муфидтар гардонад.
4. Дар баъзе қисматҳои рисола пешниҳоди маводро беҳтар кардан мумкин буд. Масалан, дар матн баъзан материалҳои факту далелҳо аз ҳад зиёд пур карда мешаванд, ки ин дарк кардани фикру хулосаҳои асосиро душвор мегардонад. Сохтори возеҳтари бахшҳо ва зербобҳо, инчунин истифодаи зерсарлавҳаҳо ва тасвирҳо метавонанд хондан ва фаҳмиши матнро осонтар кунанд.
5. Дар баъзе сафҳаҳои матни диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Аммо чунин намуд эродҳо хусусияти тавсиявию зудислоҳшаванда буда, ҳаргиз қимати илмии диссертатсияро кам намегардонанд. Муаллиф ҳангоми навиштани диссертатсия мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотии худро пурра иҷро кардааст.

**Хулоса,** диссертатсияи унвонҷӯ Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич дар мавзӯи **«Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)»** дар асоси таҳлили илмии омӯзиши ҳаматарафаи аз маводҳои бойгонӣ, адабиёти илмӣ, ёддоштҳо, маводҳои нашрияҳои даврӣ ва бойгониҳои ҳизбӣ диссертант пешниҳод шуда, ба талаботи бандҳои 31-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 бо тағиру иловаҳо аз 26.06.2023, № 295 тасдиқ гардидааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
**доктори илмҳои таърих, профессор,**
**мудири кафедраи таърих ва диншиносии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес**
**ва сиёсати Тоҷикистон** [signature] **Ҳомидзода Фурқат Муқим**

**Имзои мудири кафедраи таърих ва диншиносии ДДҲБСТ доктори илмҳои таърих, профессор Ҳомидзода Ф.М.– ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ** [stamp: ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН; ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС] [signature] **Мирпоччоев И.Х.**

Нишонӣ: 735700, ш. Хуҷанд. микрорайони 17, х.1.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тел.: +992342223811,
Факс: +992342225170,
E-mail: tsulp@rambler.ru

**«6» 06 2024**